## ТАҚРИЗИ

ба автореферати диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

Мубрамии мавзуи тахкикотии диссертатсионии довталаби дарачаи илмии Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар он аст, ки мавзуи хеле муҳим - шароитҳои педагоги ташаккули арзишхои шахрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми дар дарсҳои таърихи умумиро, ки то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври мукаммалу алоҳида таҳқиқи илмӣ-амалии он анҷом дода нашудааст, барои омӯзишу таҳқиқ интихоб ва коркард кардааст ва ин интихоб, ки мутобиқ ба Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, халои мавҷударо дар таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ дар самти ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ тавассути истифодаи имконоти фанни таърихи умумӣ пур мекунад. Муайян кардани маҷмӯи шароитҳои педагогие, ки ба ин раванд мусоидат мекунанд, барои такмили низоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аҳамияти бузург дорад.

Дар таҳқиқоти анҷомдодаи олимони тоҷик оид ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ (Маҳмадов М., 2009; Раҳимов Р., 2015) масъалаҳои алоҳидаи ин самт баррасӣ шудаанд, аммо масъалаи ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ ҳамчун масъалаи алоҳида то имрӯз мавриди таҳлили махсус қарор нагирифтааст.

Бо дарназардошти аҳамияти муҳими фанни таърихи умумӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон ва тарбияи онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ, таҳқиқи шароитҳои педагогии ба ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ мусоидаткунанда басо муҳим аст. Ин имкон медиҳад, ки ба таври самараноктар аз имконоти таълимии фанни таърихи умумӣ барои тарбияи насли наврас истифода бурда шавад.

Бояд зикр кард, таҳқиқоти Рустамзода С. Ҳ. ба мукаммалшавии илмии масъалаи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки дар амалияи таълим усулҳои самарабахш ва шароитҳои мусоиди педагогӣ барои ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ татбиқ карда шаванд. Ин ба беҳтар гардидани сифати таълим ва тарбия

дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле дуруст ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки барои таъмини суботи ҷомеа, самаранокии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон бояд роҳи ҳалли дурусти масъалаи тарбияи арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии насли наврас дар руҳияи эҳтиром ба таърихи мамлакат, халқ ва давлат пайдо карда шавад.

Арзишмандии кори диссертатсионии Рустамзода Сӯҳробро ба таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст:

- дастгоҳи илмии таткиқот мувофиқи талабот ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика таҳия ва роҳандозӣ карда шудааст;
- дар заминаи омӯхта шудани дараҷаи коркарди мавзуъ аз тарафи олимони тоҷику хориҷӣ паҳлӯҳои гуногуни шароитҳои педагогии тарбияи арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии насли наврас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст ва дар ин замина пешниҳоду хулоса ва тавсияҳои методӣ манзур шудааст;
- мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба нақшаи пешбинишуда мувофиқат менамояд;
- муаллиф кушиш намудааст масъаларо вобаста ба талаботи ҷомеаи муосир ва имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тарҳрезӣ ва татбиқ кунад. Барои иҷрои ин амал кӯшиш намудааст аз сарчашмаҳои мавҷудаи илмии зиёд оид мавзуи таҳқиқоташ баҳрабардорӣ намуда, маводи назариявиро бо таҷрибаи амалӣ алоқаманд намояд;
- ташкилу баргузории кори озмоишӣ ба муаллиф имконият додааст, ки шароитҳои педагогӣ ва роҳу усулҳои самарабахши тарбияи арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии насли наврасро муайян намуда, роҷеъ ба ин масъала андешаю тавсияҳои арзишманди худро иброз ва ироа намояд;
- хулосаҳо ба бобҳои аввал ва дуюм, хулосаи умумӣ ба мақсаду вазифаҳои таткиқот, мазмуни матн ва натиҷагирӣ аз қисмати назариявӣ ва амалии кор мувофиқат менамояд;
- ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ, осори адибон, анъанаву арзишҳои миллӣ, татқиқотҳои олимон ва ғайра хеле моҳирона ва хуб истифода кардааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаи амалии таҳқиқот ва тавсияҳои методие, ки таҳия ва ироа шуданд, имконият медиҳанд, ки талаботи барнома оид ба тарбияи арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии насли наврас дар китоби дарсии таърихи умумӣ таҷдиди назар карда шаванд; роҳу усулҳо ва технологияи коркарду санҷидашудаи пешниҳодгардида метавонанд дар раванди таълими фанҳои гуманитариву ҷомеашиносии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мавриди истифода

қарор гиранд; тавсияҳои методии таҳияшуда такмили раванди таълими фанни таърихи умумиро дар самти тарбияи арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии насли наврас таъмин хоҳанд кард.

Хулоса, диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ" ба талабот КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферат ва маводи дигари илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
директори Литсейи №4 барои
бачагони болаёқати шаҳри Душанбе Аминов Муслиҳиддин

29.08.2025

**Маълумот барои тамос:**
734034, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 26
Телефон: (992934046644;
Почтаи электронӣ: m_aminov5@mail.ru

«Имзои Аминов Муслиҳиддинро тасдиқ мекунам»

Мудири шуъбаи кадрҳои
Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе Самиев Ҷ